«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
__________ Сатторзода Б.А.
«_30_» _______________ 2025 с.

# НИЗОМНОМАИ
## Олимпиадаи ҷумҳуриявии «Маърифат ва амнияти молиявӣ» миёни донишҷӯён ва магистрантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

### 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника", Низомномаи намунавии корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030, Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030 ва дигар санадҳои меъёрии-ҳуқуқӣ таҳия гардида, тартиби гузаронидани Олимпиадаи ҷумҳуриявии «Маърифат ва амнияти молиявӣ» (минбаъд Олимпиада) миёни донишҷӯён ва магистрантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро муқаррар менамояд.

1.2. Масъули баргузории Олимпиада раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

1.3. Макони баргузории Олимпиада Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

### 2. Мақсади Олимпиада

2.1. Таҳкими заминаҳои иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ»;

2.2. Тавсеаи ҷаҳонбинии муосир, баланд бардоштани маърифати иттилоотӣ, молиявӣ ва ҳуқуқии донишҷӯёну магистрантон, дарёфти ҷавонони боистеъдод, ҳавасмандгардонии фаъолияти эҷодии онҳо, фаъолияти таълимӣ-омӯзишӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи бехатарии молиявӣ ва муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм;

2.3. Рушди қобилияти эҷодии донишҷӯён ва тақвияти таваҷҷӯҳи онҳо ба масъалаҳои таъмини амният ва маърифати молиявӣ, аз ҷумла муқовимат ба амалиёти ғайриқонунии молиявӣ, аз ҷумла ҷалб шудан ба татбиқи онҳо, пешгирии қаллобии молиявӣ;

2.4. Тарғиб ва таҳкими ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури иқтисодӣ ва маърифати молиявӣ.

## 3. Шарикони Олимпиада

Олимпиадаи мазкур бо ибтикори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва шарикии Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии "Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк"" ва дигар ташкилотҳову муассисаҳое, ки дар соҳаи муқовимат ба шустушӯи даромад ва маблағгузории терроризм фаъолият менамоянд, баргузор мегардад.

## 4. Шартҳои иштирок дар Олимпиада

4.1. Дар Олимпиада аз рӯйи ҳар як номинатсия аз ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо 1 донишҷӯ (бакалавр) ва 1 магистр иштирок карда метавонад. Тартиби пешниҳоди иштирокчиёни Олимпиада дар замимаи 1 нишон дода шудааст;

4.2. Иштирок дар Олимпиада барои иштирокчиён ройгон аст. Таъмини молиявии гузаронидани марҳилаҳои Олимпиада аз ҳисоби маблағҳои ташкилкунандагон ва шарикони Олимпиада, инчунин дигар маблағҳои сарпарастии ҷалбшуда, ки барои таъмини баргузории Олимпиада ворид шудаанд, амалӣ карда мешавад;

4.3. Шартҳо ва эълон дар хусуси Олимпиада ва натиҷаи кори он дар рӯзномаи «Молия ва иқтисод», сомонаи расмии донишгоҳ (http://tgfeu.tj/) ва саҳифаи фейсбукии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон интишор мегарданд.

## 5. Комиссияи Олимпиада

5.1. Ташкил ва тартиби гузаронидани Олимпиадаро комиссияи тадорукотии Олимпиада муайян мекунад, ки дар асоси фармоиши ректори донишгоҳ таъсис дода мешавад;

5.2. Ҳайати комиссия иборат аз 5 нафар: раис, аъзоён ва котиби масъул муқаррар карда мешавад;

5.3. Баррасӣ, баҳогузорӣ ва муайян намудани ғолибони Олимпиада аз ҷониби ҳайати Комиссия анҷом дода мешавад;

5.4. Комиссия кори худро ба таври ошкоро ба роҳ монда, ба ҳар як донишҷӯ боадолатона баҳогузорӣ менамояд;

5.5. Баҳогузорӣ тибқи тартиби муқарраргардида аз 1 то 5 хол муайян карда мешавад;

5.6. Котиби масъули Комиссия ҳуҷҷатҳои иштирокчиёнро қабул намуда, барасмиятдарории ҳуҷҷатҳоро тафтиш ва назорат менамояд.

**6. Муҳлати баргузорӣ ва ҳавасмандгардонии ғолибони Олимпиада**

6.1. Олимпиада аз рӯйи ду номинатсия баргузор мегардад. Иштирокчиёни Олимпиада танҳо аз рӯйи яке аз номинатсияҳои зерин иштирок карда метавонанд:

1. Маърифати молиявӣ;
2. Амнияти молиявӣ.

6.2. Олимпиада дар ду давр гузаронида мешавад.

Даври якуми Олимпиадаи мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ моҳи **ноябр** баргузор гардида, танҳо **1 нафарӣ ғолибонро** аз ҳар як равия барои иштирок дар даври ниҳоӣ пешниҳод менамоянд.

Шумораи иштирокчиёни даври якумро кумитаи тадорукоти муассисаҳои таҳсилоти олӣ оид ба гузаронидани Олимпиада муайян мекунанд.

6.3. Муҳлати пешниҳоди дархост ҷиҳати иштирок дар Олимпиада то санаи 1 декабри соли 2025 муайян карда мешавад;

6.4. Даври дуюми Олимпиада санаҳои 4-5 декабри соли 2025 баргузор гардида, ғолибони Олимпиада рӯзи 6-уми декабр дар чорабиние, ки бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти молия баргузор карда мешавад, дар вазъияти тантанавӣ бо диплом, мукофоти пулӣ ва ифтихорнома сарфароз гардонида мешаванд;

6.5. Барои ҳавасмандкунии ғолибон аз рӯйи ҳар як номинатсия 3 ҷой муайян карда мешавад;

6.6. Ғолибони Олимпиада (нафароне, ки ҷойҳои якумро ишғол менамоянд), пас аз хатми донишгоҳ, тариқи суҳбат ба гуруҳҳои буҷавии зинаи магистратура дар донишгоҳ қабул карда мешаванд.

**Замимаи 1.**
**НАМУНА**

**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**РЕКТОРИ ..........................**
**______________ ..........................**
**«___» __________________ 2025с.**

**Рӯйхати**

донишҷӯён ва магистрантони .......... (номи МТОК)...., ки дар Олимпиадаи ҷумҳуриявии **«Маърифат ва амнияти молиявӣ»** миёни донишҷӯён ва магистрантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иштирок мекунанд

| № | Муассисаи таълимӣ | Ном, насаб ва номи падари иштирокчӣ | Курс | Ихтисос | Номинатсияи иштирок |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |

**Эзоҳ:**

Ба рӯйхат ҳуҷҷатҳои зерин бояд замима гарданд:

1. Нусхаи шиносномаи донишҷӯ, магистрант;
2. Нусхаи фармоиш оид ба таҳсили донишҷӯ, магистрант.

**Барои маълумоти иловагӣ:**

Фарайдунов О.Қ.-(*шахси масъул*)
Тел: +992-904-44-45-55
E-mail: osim.faraidunov@gmail.com